**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 347.73 (575.3)**
**ТБК: 67.99 (2) 32(2Т)**
**М–14**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**МАЙНУСОВА ЗАРНИГОР МАҲМУДОВНА**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САВДОИ ФОСИЛАВИИ МОЛ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Душанбе – 2024**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст**

**Роҳбари илмӣ:** Сангинзод Дониёр Шомаҳмад – муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Муқарризони расмӣ:** Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн, – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Сидиқов Дилшод Аҳрорович, – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе)

Ҳимояи диссертатсия “28”марти соли 2024, соати 10. 00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии ДМТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «____» ___________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **А.Қ. Назаров**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷараёнҳои ҷаҳонии табодули рақамӣ мунтазам суръат гирифта, соҳаҳои нав ба нави фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Инчунин рушди технологияҳои наву пешрафта босуръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд. Тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ мушоҳида карда мешавад: агар қаблан кишварҳои пешрафта табодули рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ менамуданд, пас имрӯз иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ мегузарад. Ин тамоюли нав асоси ҷараёни рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Мувофиқи арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ аз рӯи рушди технологияи иттилотию комуникатсионӣ соли 2016 Тоҷикистон аз рӯи сатҳи таъсири технологияҳои рақамӣ ба бизнес-моделҳои нав дар байни 139 кишвар дар ҷойи 103-ум ҷой дорад. Барои муқоиса, соли 2015 Тоҷикистон дар ин рейтинг дар ҷои 90-ум қарор дошт. Фарқияти 13 банди он аз бад шудани мавқеи ҷумҳурӣ дар ин рӯзнома шаҳодат медиҳад.

Мувофиқи арзёбии ҳисоботи ҷаҳонии Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ оид ба рақобатнокии иқтисодиёти соли 2018 Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи хариди давлатии маҳсулоти пешрафтаи технологӣ дар байни 137 кишвар ҷойи хеле баланди 26-умро ишғол менамояд. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо арзёбии соли 2017-уми ҳисоботи Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ, мавқеи Тоҷикистон аз ҷои 20-ум ба 26-ум поён рафтааст. Маълумоти омории овардашуда бар он далолат дорад, ки масъалаи таъсири технологияҳои рақамӣ ба моделҳои нави тиҷоратӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт хеле чашмрас буда, он мавриди таваҷҷӯҳи бисёр коршиносон соҳаи илм қарор гирифтааст, вале мутаасифона ин раванд дар Тоҷикистон ба таври дилхоҳ рушд накардааст. Бахши рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дар зинаи тавлид қарор дорад. Ин ҳолат низ бо амалан мавҷуд набудани дастрасии соҳибкорон ба алоқаи фарохмавҷ вобаста мебошад, ки рушди ҷараёни инноватсияро дар кишвар бозмедорад. Камтар аз 1% корхонаҳои мавҷуда хизматрасониҳои рақамиро пешниҳод менамоянд. Бо ҳамин сабаб амалан корхонае вуҷуд надорад, ки маҳсулоти иттилооти рақамӣ ва воситаҳои

алоқа истеҳсол намояд, ки ин аз ҷумла ба мураккабии гирифтани иҷозатнома барои истеҳсоли аудио-видео контент алоқаманд мебошад[1].

Дар ин асно Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 26-уми декабри соли 2019 такид намуда буданд, ки: "Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад. Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем"[2].

Дар даҳсолаи дуюми асри XXI ба масъалаи васеъ кардани бозори хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии шаҳрвандони кишвар, таваҷҷӯҳ зиёд гардид. Дар асоси Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар соли 2015 вазни қиёсии аҳолие, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, танҳо 26,3 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин шумора нишондиҳандаҳои: дастрасӣ ба суратҳисобҳои истифодаи фосилавӣ, яъне кортҳои пластикӣ (14,7 фоиз), тариқи шабакаи интернет ва ё интернет-бонкинг (0,2 фоиз) ва тавассути алоқаи мобилӣ (0,3 фоиз)-ро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин зикр намудан зарур аст, ки дар муқарароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истисноӣ муқаррароти умумии моддаи 566, яъне фурӯши мол тибқи намунаҳо)[3] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 "Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.03.2021 с.).

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019 сол. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/21975#rushon. (санаи муроҷиат (02.01.2021 с.).

[3] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918// Ахбори Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – № 12. – Қисми 1-2.

истеъмолкунандагон"[4] меъёри мушаххас оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҷой надорад. Ё инки дар асоси қисми 2, моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 943 "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ ҳуқуқ доранд шакли савдо (дар объектҳои доимии савдо, берун аз объектҳои доимии савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии автоматҳо, дигар шаклҳои савдо)-ро мустақилона муайян намоянд[5].

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар шароити муосир дар сатҳи дисссертатсионӣ дар Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар давраи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) тадқиқи мавзӯи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Масъалаи мазкур қисман дар корҳои чунин олимони ватанӣ ба монанди А. Абдуҷалилов[6], Ш.К Ғаюрзода[7], А.В. Золотухин ва Т.И. Султонова[8], Ш.М. Исмоилов[9], О.А. Мавлоназарзода[10],

---

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" аз 9 декабри соли 2004, № 72 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ.1, мод. 699.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" аз 19 марти соли 2013, № 943 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод.186.

[6] Абдуджалилов А. Правовое регулирование электронной коммерции в глобальной сети Интернет законодательством Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 161 с.; Абдуджалилов А. Вещные права в интернете, возможное в невозможном // Законодательство. – 2018. – № 2 (30). – С. 19-23.; Абдуджалилов А. Правовая характеристика договоров, заключаемых в интернете // Журнал российского права. – 2016. – № 2 (230). – С. 71-82.

[7] Ғаюров Ш.К. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва масъалаҳои такмили он // Қонунгузорӣ. – 2016. – № 2 (22). – С. 36-39.

[8] Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[9] Исмаилов Ш.М. Конституция Республики Таджикистан, установление в ней основ предпринимательства // Правовое регулирование отдельных направлений предпринимательства в Республике Таджикистан (Материалы республиканской научно-практическая конференция на тему «Развитие законодательства Таджикистана по отдельным направлениям предпринимательства» от 7 октября 2021 года). – Душанбе, 2021. – С. 53-66.

Ш.Ҷ. Мансурӣ[11], М.А. Маҳмудзода[12], П.З. Мирзозода[13], У.А. Меликов[14], М.З. Раҳимзода[15], Б.О. Самадов[16], Д.Ш. Сангинзод[17] ва дигарон тадқиқ шудааст.

---

[10] Мавлоназаров О.А. Право потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – 197 с.

[11] Мансурӣ Ш.Ҷ. Танзими ҳуқуқии иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти «Сино», 2019. – 124 с.

[12] Маҳмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: Эрграф, 2017. – 632 с.; Маҳмудзода М.А. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ // Қонунгузорӣ. – 2018. – №4 (32). – С. 19-23; Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.

[13] Мирзозода П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: дис. ... д-ри илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 348 с.; Мирзоев П.З. Правовые основы инновации и качество товара (работ, услуг) как фактор конкурентоспособности субъектов предпринимательской деятельности // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Проблемы правового регулирования инновации в предпринимательской деятельности» (10 июня 2014 года). – Душанбе, 2014. – С.127-131.

[14] Меликов У.А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создании и распространении средств массовой информации: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – 202 с.

[15] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М.З. Ташаккул, рушд ва проблемаҳои қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Танзими ҳуқуқи самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.14-30.

[16] Самадов Б.О. Правовой режим индивидуальной предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан и в Российской Федерации: сравнительно-правовой анализ: дис. ... кандидата юрид. наук. – Москва, 2010. – 213 с.; Самадов Б.О. Гражданско-правовая ответственность в сфере нарушения прав потребителей в России и Таджикистане // В сборнике: Инженерное образование и вызовы культуры в XXI веке. Сборник материалов II-ой Международной научно-методической конференции "Наука, образование, молодежь в современном мире". Под редакцией Л.В. Волковой, О.М. Смирновой, М.Н. Филатовой. – Москва, 2017. – С. 78-82.

[17] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 500 с.; Сангинов Д.Ш.

Дар хориҷа баъзе аз ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ аз ҷониби олимони зерин тадқиқ шудааст: О.А. Белова[18], А.Ю. Зак[19], А.В. Зажигалкин[20], Н.В. Козинетс[21], А.С. Косарев[22], А.С. Кузменко[23], В.Ю. Моченов[24], И.В. Фролов[25].

Ба ин нигоҳ накарда, таҳқиқоти комплексии илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур дар ҶТ то ҳол гузаронида нашудааст ва дар робита бо ин зарурати гузаронидани таҳлили ҳаматарафаи илмии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар ҶТ ҷой дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар чорчӯбаи кори илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (дар мавзӯи «Таъминоти ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии савдоии фосилавии мол ва хизматрасонӣ коркард шудааст, мақсади асосии тадқиқотро ифода мекунад.

---

Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 424 с.

[18] Белова О.А. Правовая природа договора дистанционной розничной купли-продажи: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2010. – 193 с.

[19] Зак А.Ю. Гражданско-правовые проблемы участия потребителей в дистанционных договорах в России и за рубежом: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 229 с.

[20] Зажигалкин А.В. Международно-правовое регулирование электронной коммерции: диссертация ... кандидата юридических наук. – Санкт-Петербург, 2005. – 189 с.

[21] Козинец Н.В. Особенности правового регулирования трансграничной электронной торговли: диссертация ... кандидата юридических наук. – Москва, 2016. – 210 с.

[22] Косарев А.С. Проблемы правового регулирования сделок в сфере электронной коммерции: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2010. – 159 с.

[23] Кузьменко А.С. Договор розничной купли-продажи в сфере дистанционной торговли: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2010. – 194 с.

[24] Моченов В.Ю. Правовое регулирование электронной коммерции: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – 175 с.

[25] Фролов И.В. Правовое регулирование дистанционной торговли товарами и услугами в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2018. – 166 с.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста аз мақсади гузошташуда, вазифаи таҳқиқот инҳо мебошанд:

- таҳлилу барасии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;
- муайян намудани махсусияти қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;
- тадқиқи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;
- омӯзиши шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;
- муайян намудани ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ;
- коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасониро фаро мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот** ақидаи олимон ва қонунгузориест, ки савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро дар ин бахш ба танзим медарорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур фарогири бавуҷудоӣ ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасониро дар давоми беш аз 31 сол буда, бо назардошти ташаккули асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оиди савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ 3 марҳиларо дарбар мегирад: 1) солҳои 1991-1998; 2) солҳои 1999-2021; 3) аз соли 2022 инҷониб.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) ва хориҷи дур оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти рисоларо комил сохтаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои Абдуҷалилов А., Белова О.А., Ғаюрзода Ш.К., Зажигалкин А.В., Зак А.Ю., Золотухин А.В., Исмоилов Ш.М., Косарев А.С., Козинетс Н.В., Кузменко А.С., Маҳмудзода М.А., Мирзозода П.З., Мансурӣ Ш.Ҷ., Мавлоназарзода О.А., Меликов У.А., Моченов В.Ю.,

Раҳимзода М.З., Самадов Б.О., Сангинзод Д.Ш., Фролов И.В. ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии тадқиқотро усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, тавассути усули мантиқӣ-забонӣ савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ таҳқиқ шуда, воқеияти амалишавии он дар замони муосир инъикос гардидааст. Дар раванди таҳқиқи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ бо истифода аз усули оморӣ шумораи субъектони савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ва ҳолатҳои ҳимояи ҳуқуқи онҳо муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва унсурҳои таркибии он муайян карда шудааст. Инчунин, тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, ки дар замони истиқлоли давлатӣ танзими савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ 3 марҳилаи таърихиро пушти сар намудааст. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқиотро муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Кодекси мадании ҶТ (минбаъд – КМ ҶТ), қонунгузории соҳибкорӣ ва дигар сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ташкил додаанд. Дар баробари санадҳои

миллӣ, инчунин, баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд. Баҳри таҳлили амалияи татбиқи қонунгузории Тоҷикистон санадҳои судӣ мавриди таҳлил ва татбиқ қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ба амал бароварда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии хулосаву пешниҳодоти муаллиф дар муқаррароти зерин, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ифода шудааст:

1. Хусусияти асосии савдои фосилавӣ дар он аст, ки он бо тарзи фосилавӣ тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи моле, ки фурӯшанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод кардааст ё дар аксҳо ё бо почта, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин бо тарзҳои дигаре, ки имконияти шиносоии бевоситаи харидор бо молро тақозо мекунад, пешниҳод мегардад. Ин масофаи априорӣ дар баъзе ҳолатҳо боиси норозигии харидори мол ва баъзан сабаби даъвоҳои судӣ мегардад.

2. Савдои фосилавӣ ин фаъолияти субъекти хоҷагидор дар самти хариду фурӯши чаканаи мол ва пешниҳоди хизматрасонӣ берун аз нуқтаҳои савдои чаканаи мол мебошад, ки бидуни иртиботи мустақим байни фурӯшанда ва харидор ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана ва пас аз он амалӣ карда шавад. Савдои фосилавии молҳо бидуни робитаи мустақим байни фурӯшандаю харидор, тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана, ки дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи мушахаси мол ва пешниҳоди визуалии он, ки аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо маҳдуд аст, амалӣ карда мешавад.

3. Дар бахши хизматрасонӣ бо тарзи фосилавӣ нуқсон дар қонунгузорӣ ҷой дорад, ки дар чандир набудани механизми татбиқи ҳуқуқи даст кашидан аз шартнома ифода меёбад ва дар оқибат он барои сӯиистифода аз ҳуқуқ аз ҷониби истеъмолкунанда замина фароҳам меорад. Ин ҳолат ба набудани: а) рӯйхати молҳое, ки бояд ба фурӯшанда баргардонида шаванд; б) набудани таснифоти муносибатҳое, ки қоидаҳои савдои фосилавӣ ба ҳамаи онҳо ва ё баъзеи онҳо паҳн намегарданд (масалан, хариди мол дар ауксион); в) инчунин набудан рӯйхати молҳое, ки ба тарзи фосилавӣ фурӯхта намешаванд (масалан, ашёи гигиенаи шахсӣ, доруворӣ) алоқаманд аст.

4. Проблемаҳои асосии танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон ин номутавозунӣ дар танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, баъзан қонунӣ набудани таъсироти давлатӣ ба фазои виртуалӣ (Интернетӣ), камбудиҳо дар механизми муайян кардани иштирокчиёни савдои электронӣ, набудани муносибати якхела дар муқаррар намудани ваколат ва қонунҳои татбиқшаванда дар ин самт мебошанд.

5. Дар таҷрибаи амалии мамлакатҳои хориҷа фарқгузории мафҳумҳои тиҷорати электронӣ ва савдои электронӣ ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин фарқият тиҷорати электронӣ дар робита бо рушди бомароми муносибатҳои иқтисодӣ ба худ мустақилият касб намуда, чун фаъолияти соҳибкории дар асоси хариду фурӯши мол (хизматрасониҳо) тавассути шабакаи интернет, фаҳмида мешавад.

Дар сатҳи қонунгузории кишвар зарурати дарҷ намудани истилоҳоти ҳуқуқии савдои электронӣ, савдои фосилавӣ, шартномаи электронӣ, муомилоти электронӣ пеш омадааст, ки ба мушаххаснамоии муносибатҳои ҳуқуқии истеъмолкунандагон дар бахши савдои фосилавӣ мусоидат мекунад. Набудани мафҳумҳои ҳуқуқии зикршуда, инчунин муқарраროти умумӣ оид ба савдои фосилавӣ дар қонунгузории Тоҷикистон боиси номуайянии ҳуқуқӣ дар ин самти муносибатҳои ҳуқуқии маданиву соҳибкорӣ мегардад, ки ин вазъ ба он далолат мекунад, ки истеъмолкунанда ҳамчун як трарафи аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф дорои сатҳи хеле пасти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ боқи мемонад.

6. Тиҷорати фосилавӣ чун шакли махсуси муомилоти молу хизматрасониҳо дар натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт устувор гардид. Дар ин самт, шаклҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратӣ ба назар мерасанд, ки аксаран вобаста ба тарзу усулҳои гуногуни пешниҳоди маълумот оид ба молу хизматрасониҳо ба харидорони эҳтимолӣ, амалӣ мешаванд. Савдои фосилавӣ ҳамчун як намуди ҷудогонаи муомилоти мол (хизмат) бо рушди технологияҳои иттилоотӣ шаклҳои гуногуни тиҷоратро дар бар мегирад,

ки дар навбати худ аз тарзи ирсоли иттилоот дар бораи мол (хизмат) ва хосиятҳои истеъмолии он ба харидори эҳтимолӣ аз дигар намуди муомилоти тиҷоратӣ фарқ мекунанд. Сарфи назар аз содда будани таснифоти савдои фосилавӣ ба шаклҳои алоҳида, бояд қайд кард, ки ҳар яки онҳо як намуди алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо ташкили фурӯш (хизматрасонӣ) ва ҷараёни тиҷорати дохилӣ махсусиятҳои худро доранд.

7. Дар доираи савдои фосилавӣ фурӯшанда воқеан имкон надорад, ки молро дар мӯҳлати муқарраршуда, инчунин ройгон ба харидор барои истифодаи муваққатӣ дар давраи иваз кардани моли истифодаи дарозмӯҳлат дар давоми се рӯз иваз намояд. Бинобар ин зарур аст барои савдои фосилавӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо мӯҳлати зайл муқаррар карда шавад: 45 рӯз аз лаҳзаи фиристодани мол ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) ва иваз кардани моли сифати номуносиб; 30 рӯз аз рӯзи гирифтани он ва дар ҳолати зарурати санҷиши иловагии сифати ин мол аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) - 45 рӯз аз рӯзи гирифтани он молҳо). Илова бар ин лозим аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ қоида оид ба он, ки фурӯшанда уҳдадор нест ба истеъмолкунанда барои моли дорои хосиятҳои асосии истеъмолӣ ройгон барои истифодаи муваққатӣ мол пешниҳод кунад.

**8. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзуи баррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:**

8.1. Моддаи 566 КМ ҶТ (Фурӯши мол тибқи намунаҳо) мукаммал карда шуда, номи модда «Савдои мол аз рӯи намуна ва бо тарзи савдои фосилавӣ» номгузорӣ гардида, дар он қисми 4 бо чунин муқаррарот илова карда шавад:

“Шартномаи савдои чакана метавонад дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи моли пешниҳоднамудаи фурӯшанда тавассути каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо, аксҳо, воситаҳои алоқа (телевизион, почта, алоқаи радио ва ғайра) ё бо роҳҳои дигаре, ки имкони шиносоии мустақими истеъмолкунанда бо мол ё намунаи мол ҳангоми бастани чунин шартнома (усули фосилавии фурӯши мол) -ро истисно мекунанд, баста шавад”.

8.2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» моддаи алоҳида 25.1 оид ба «Тарзи фосилавии савдои мол» бо муқаррароти зайл илова карда шавад:

“1. Шартномаи савдои чакана метавонад дар асоси шиносоии истеъмолкунанда бо тавсифи моли пешниҳоднамудаи фурӯшанда

тавассути каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо, аксҳо, коммуникатсияҳо (телевизион, почта, алоқаи радиоӣ ва ғайра) ё ба таври дигар имкони шиносоии мустақими истеъмолкунанда бо мол ё намунаи мол ҳангоми бастани чунин шартнома (роҳи дурдасти фурӯши мол) истисно карда шавад, баста шавад.

2. Фурӯшанда то бастани шартнома ба истеъмолкунанда дар бораи хосиятҳои асосии истеъмолии мол, дар бораи суроғаи (маҳалли ҷойгиршавии) фурӯшанда, дар бораи ҷои истеҳсоли мол, номи фирмавии (номи) фурӯшанда (истеҳсолкунанда), дар бораи нарх ва шартҳои хариди мол, дар бораи таҳвили он, мӯҳлати хидматрасонӣ, мӯҳлати нигоҳдорӣ ва мӯҳлати кафолат, дар бораи тартиби пардохти мол, инчунин даврае, ки дар он пешниҳоди бастани шартнома эътибор дорад, бояд пурра маълумот диҳад.

3. Ҳангоми таҳвили мол ба истеъмолкунанда бояд маълумот дар бораи моли пешбининамудаи моддаи 9 Қонуни мазкур, инчунин маълумоти дар қисми 4 ҳамин модда пешбинишуда дар бораи тартиб ва шартҳои баргардонидани мол ба таври хаттӣ пешниҳод карда шавад.

4. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҳар вақт пеш аз супоридани мол ва дар давоми ҳафт рӯз аз додани мол даст кашад. Дар ҳолате, ки агар маълумот дар бораи тартиб ва вақти баргардонидани моли босифат ҳангоми расонидани мол ба таври хаттӣ пешниҳод нашуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар давоми се моҳи пас аз супоридани мол аз мол даст кашад. Бозгашти маҳсулоти босифат имконпазир аст, агар пешниҳоди он, хосиятҳои истеъмолӣ, инчунин ҳуҷҷати тасдиққунандаи далел ва шартҳои хариди ин маҳсулот нишон дода шавад. Набудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи далел ва шароити хариди мол истеъмолкунанда ӯро аз имконияти истинод ба дигар далелҳои хариди мол аз ин фурӯшанда маҳрум намекунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ надорад аз маҳсулоти сифаташ мувофиқ, ки дорои хосиятҳои алоҳидаи муайяншуда мебошад, даст кашад, агар ин маҳсулотро танҳо истеъмолкунандае, ки онро мехарад, истифода барад. Агар истеъмолкунанда аз мол даст кашад, фурӯшанда бояд ба ӯ маблағи пулиеро, ки истеъмолкунанда тибқи шартнома пардохт кардааст, ба истиснои хароҷоти фурӯшанда барои таҳвили моли баргардонидашуда аз истеъмолкунанда на дертар аз даҳ рӯз аз санаи дархости истеъмолкунанда баргардонад.

5. Оқибатҳои фурӯши моли дорои сифати нокифоя бо тарзи фосилавӣ бо муқаррароти пешбининамудаи моддаҳои 18-24 ҳамин Қонун муқаррар карда мешаванд”.

8.3. Дар Тоҷикистон қабули “Қоидаҳои савдои мол бо тарзи фосилавӣ” ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин Қоидаҳо, ки тартиби савдои

молро аз фосилаи дур муқаррар мекунанд, муносибати байни харидор ва фурӯшандаро ҳангоми савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ вобаста ба чунин савдо танзим мекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Таҳқиқоти мазкур метавонад ҳам аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки танзими савдои фосилавии мол ва хизматрасониро ба амал мебароранд ва ҳам аз ҷониби субъектони хоҷагидории ҶТ – иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ мебошанд, истифода бурда шавад.

Натиҷаи таҳқиқот метавонад барои мукаммалгардонии қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, таҷрибаи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои салоҳияти умумии ҶТ истифода бурда шавад.

Инчунин муқарраротҳои алоҳидаи диссертатсия метавонад барои тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин барои масъалаи танзими муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии хусусӣ ва ғайра истифода шавад. Инчунин тадқиқоти мазкур метавонад дар вақти дарс додан аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии мамлакат истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсия вобаста аст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи рисола «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллии диссертатсияро тасниф мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Рисолаи илмӣ дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати

Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2022 (протоколи №4) мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Диссертатсия дар семинари илмии шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (аз 14 ноябри соли 2022) муҳокима ва барои ҳимоя тавсия дода шуд.

Маводи таҳқиқот, инчунин, дар маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зерин инъикос ёфтаанд:

– конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Роҷеъ ба дастрасии озод ба интернет ҳамчун ҳуқуқи нави конститутсионӣ». – Хуҷанд, 2021.

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – маъруза дар мавзуи «Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии савдои дистансионии мол ва хизматрасонӣ». – Душанбе, 2020;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Илм ва инноватсия дар низоми тадбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ» – маъруза дар мавзуи «Савдои фосилавӣ ҳамчун яке аз шаклҳои инноватсионии аҳаммияти иқтисодӣ дошта». – Хуҷанд, 2021;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Илм, иқтисодиёт ва ҷомеа: муаммоҳо ва роҳҳои баландбардории рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ ва нерӯи зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Заминаҳои пайдоиш ва такомули савдои фосилавӣ дар равандҳои иқтисодӣ». – Хуҷанд, 2022.

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи: «Ҷанбҳои мухталифи рушди «Иқтисодиёти сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои муносибатҳои шартномавӣ дар раванди савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ». – Хуҷанд, 2023.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Далелҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар ин кори илмӣ овардашуда дар 2 монография, 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** аз мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи тадқиқот иборат буда, аз муқаддима, ду боб, ки панҷ зербобро муттаҳид мекунад, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола аз 212 саҳифа иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи тадқиқот, дараҷаи тадқиқоти назариявӣ ва амалии он, усулҳои тадқиқоти дар рафти тадқиқот истифодашаванда, заминаи меъёрӣ, навоварии илмӣ ва муқаррароти дар асоси он таҳияшуда, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муайян карда шудаанд. аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, инчунин натиҷаҳои апробатсияи тадқиқот.

Дар боби якуми диссертатсия **«Тавсифи умумии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** муаллиф савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасониро таҳлил намудааст.

Дар **зербоби якуми боби якум «Савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки савдои фосилавӣ ҳамчун як шакли фаъолияти хоҷагӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон торафт бештар қувват мегирад. Афзоиши босуръати таъсири технологияҳои нав ба рушди иқтисодии Тоҷикистон ба пайдоиши шаклҳои нави савдои молҳо (хизматҳо) мусоидат кард, зеро субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади ташкили фаъолияти рақобатпазир ва ҷавобгӯи ба талаботи бозор роҳҳои гуногунро меҷӯянд. Ин падидаи нав ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи бозор ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави таъмини рақобатпазирӣ дар ҷомеаи зудтағйиребанда, ки ба кӯшиши субъектҳои хоҷагидорӣ вобастагӣ дорад, асоснок карда мешавад.

Технологияҳои имрӯза чунон босуръат рушд мекунанд, ки давлатҳо вақт надоранд, ки ба чунин рушд вокуниш нишон диҳанд ва онҳоро дар сатҳи қонунгузорӣ танзим кунанд. Вобаста ба ин, таъсиси дастгоҳи маъмурӣ ҷиҳати баррасии мафҳумҳои асосӣ, ки метавонад заминаи бунёдии танзими ҳуқуқии ин падидаи нави иқтисодӣ гардад, зарур дониста мешавад. Мушкилоти дигар, ин муайян кардани объектҳо ва субъектҳои ин муносибатҳо, инчунин бо назардошти хусусиятҳои касбӣ муайян намудани механизму воситаҳои амалисозии он, дониста мешавад.

Дар асоси таҳлил муайян карда шуд, ки савдои фосилавӣ як намуди нави фаъолиятест, ки дар натиҷаи интиқоли фаъолияти хоҷагӣ ба шабакаи глобалии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба вуҷуд омадааст. Муайян кардани моҳият, хусусиятҳо ва афзалиятҳои савдои фосилавӣ нисбат ба савдои анъанавӣ асоси ташаккули дастгоҳи консептуалии ин соҳа гардид ва имкон дод, ки бо рушди ҷомеаи иттилоотӣ интернет барои татбиқи он воситаи асосии калидӣ гардидааст.

Дар аввал камбудии асосии савдои фосилавӣ метавонад хароҷоти зиёди вақт бошад. Раванди анҷом додани хариду фурӯш басо мураккаб буд. Масалан, интизории тӯлонии каталогҳои нав ё зарурии мол, фармоиш додани мол (одатан, тавассути алоқаи телефонӣ ё почта сурат мегирифт), интизории зиёди қабул кардани маҳсулоти харидашуда, пардохти ҳаққи почта, шиносоӣ бо моли харидашуда ва ё бозпас баргардонидани маҳсулоти харидшуда, раванди анҷом додани савдои фосилавиро мураккаб месохт. Чунин раванди тӯлонӣ баъзан якчанд моҳро дар бар мегирифт ва чунин вазъ бешубҳа, таҷдиди назар ва ё ҷалби воситаҳои инноватсионию технологиро ҷиҳати осон гардонидани кори савдои фосилавӣ, тақозо мекард.

Иқтидори бузурги савдои фосилавӣ рушди онро ҳатто дар он ҳолатҳое муайян кард, ки харидор барои дидани мағозаи статсионарӣ мушкилот надошта бошад. Маҳаки асосӣ ҷиҳати интихоби тиҷорати фосилавӣ ин сиёсати оқилонаи нархҳо маҳсуб меёбад, ки он ба сарфаи маблағҳои ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор мусоидат мекунад.

Савдои фосилавӣ бо як қатор хатарҳо барои харидор алоқаманд аст. Ба гурӯҳи омилҳои хавф ҷанбаи локатсионӣ (ҳудуд, ҷой) дохил мешавад, ки мавҷудияти суроғаи ҳуқуқии мағозаи статсионариро ифода менамояд. Ин аз он далолат менамояд, ки дар ҳолати зарурӣ даъво ба суроғаи мушаххас фиристода мешавад. Вале дар ҳолати хариди фосилавӣ ин ҳолат ғайриимкон аст.

Омили муваққатӣ низ ба манфиати хариди фосилавӣ аст, зеро зарурати ташриф овардан ба мағоза аз байн меравад ва ин ҳолат як қатор омилҳо, монанди: масофаи рафту омад то ба мағоза , ҷустуҷӯи молҳои зарурӣ, интизории навбатпоӣ ва ғайраро бартараф месозад. Гарчанде ки имрӯз нуқтаҳои анъанавии савдо ин шаклро ба доираи хидматрасонии худ ворид мекунанд, мағозаҳои интернетӣ таъсис медиҳанд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳои мағозаҳои статсионарӣ таҳия менамоянд, вале ҳанӯз ба принсипи кори савдои фосилавӣ ҷавобгӯ нестанд.

Аз ҷумла, дар байни харидорони аниқ ё доимӣ шакли фармоиш ё банд кардани моле, ки дар вақти харид вуҷуд надорад, маъмул гардидааст. Дар ин ҳолат, харидор аз вақти харидани мол ва сипарӣ гардидани муҳлати дастраскунии он огоҳ карда мешавад. Ин низоми ба худхизматрасонӣ шабоҳат дорад, аммо дар айни замон, харид ба таври огоҳона сурат мегирад, тавре ки дар нуқтаҳои анъанавии савдо анҷом дода мешавад.

Дар тадқиқоти хеш унвонҷӯ ду мушкилоти асосии савдои фосилавии молу хизматрасониро ҷудо мекунад. Аввалан ӯ сифати

пасти хизматрасониҳои савдои фосилавиро таҳлил намуда, сабаби онро дар набудан ва ё мавҷудияти хеле заифи рақобат дар ин самт алоқаманд медонад, ки дар натиҷа соҳибкорони беинсоф аз он фаровон истифода мебаранд. Дигар, омодагии сатҳи пасти соҳибкорон барои иштирок дар раванди тиҷорати фосилавӣ маънидод карда мешавад. Вале муаллиф чунин меҳисобад, ки бо вуҷуди ин омилҳои манфӣ, нишондиҳандаҳои баланди микдории савдои фосилавӣ имкон медиҳанд, ки он ҳамчун соҳаи мустақил ва фаъолона рушдёбанда бо иқтидори баланд инкишоф ёбад.

Дар **зербоби дуюми боби якум "Қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ"** муаллиф қайд менамояд, ки дар муносибатҳо дар доираи хариду фурӯши фосилавии меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин татбиқ карда мешаванд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1990 "Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, №39 "Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001, №21 "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо"; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004, № 37 "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2018, № 1537 "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ".

Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи низоми мавҷудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба танзими муносибатҳо, ки дар ҷараёни татбиқи савдои фосилавӣ аз ҷониби субъектҳо ба вуҷуд омадаанд, сӯҳбат кунем. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз амали манбаъҳои ҳуқуқии дар боло таҳлилшуда, онҳо то ҳол маҷмӯи гуногуни муносибатҳоро, ки дар соҳаи савдои фосилавии мол ва хидматрасонӣ муносибатҳои ба он алоқаманд ба вуҷуд меоянд, фаро намегиранд.

Мушкилоти ҳуқуқӣ дар робита ба савдои фосилавӣ дар Интернет аслан ба ниҳодҳои зерини ҳуқуқи маданӣ, оид ба мафҳум ва шакли бастани шартнома, инчунин маҷмӯи институтҳое, ки ба ҳифзи истеъмолкунандагон алоқманданд, ва ғайра марбутанд. Чунки рушди босуръати илму техника ва ҳамгироии телекоммуникатсия ба ҳаёти инсон боиси пайдоиши як бахши нави иқтисод бо номи тиҷорати электронӣ гардид.

Дар танзими ҳуқуқии тиҷорати электронӣ дар кишварҳои мухталифи Ғарб тамоюли ҷудо кардани муқаррароти умумиро дар бораи тиҷорати электронӣ ба меъёрҳои мустақил мушоҳида кардан мумкин аст, аммо на мушаххаскунии тиҷорати электронӣ бо савдои фосилавӣ. Дар кишварҳои минтақаи Осиё, тиҷорати электронӣ ҳамчун як намуди алоҳидаи

фаъолияти тиҷоратӣ дониста мешавад, ки дорои потенсиали бузург ва дастгирии ҳукуматҳост.

Мо андеша дорем, ки дар қонунгузории Тоҷикистон бояд таърифи ҳуқуқии мафҳуми тиҷорати электронӣ, шартномаи электронӣ, муомилоти электронӣ дода шавад, ки барои мушаххас кардани муносибатҳои ҳуқуқии истеъмолкунандагон дар соҳаи тиҷорати электронӣ кумак кунад. Набудани таърифи ҳуқуқии мафҳумҳои дар боло зикршуда, инчунин муқаррароти умумӣ оид ба тиҷорати электронӣ дар қонунгузории Тоҷикистон боиси номуайянии ҳуқуқӣ дар ин самти муносибатҳои ҳуқуқии маданиву соҳибкорӣ мегардад, ки ба он далолат мекунад, ки истеъмолкунанда ҳамчун як кишвари аз ҷиҳати иқтисодӣ заиф дорои сатҳи хеле пасти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ мебошад.

Бо назардошти таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷа оид ба савдои фосилавӣ баҳри мукаммал намудани сатҳи меъёрии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар ин бахш пешниҳод менамоем, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» моддаи алоҳида 25.1 оид ба «Тарзи фосилавии савдои мол» илова карда шавад. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки  дастури муайяни "Қоидаҳои савдои фосилавии молҳо" қабул карда шаванд, то барои муқаррар кардани тартиби савдои фосилавии молҳо роҳнамоӣ кунанд ва инчунин, доираи муносибатҳои байни харидор ва фурӯшанда дар ин шакли савдоро муайян созанд.

**Дар боби дуюми рисола «Махсусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** муаллиф масоили иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқарароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасониро таҳлил намудааст.

Дар **зербоби якуми боби дуюм "Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ**" муаллиф қайд менамояд, ки хусусияти хоси муомилот дар савдои  фосилавӣ маҳз дар он аст, ки муомилоти электронӣ дар муҳити "виртуалӣ", яъне дар фазои шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ тавассути мубодилаи иттилооти электронӣ сурат мегиранд.

Ҳамин тариқ, иштирокчиёни савдои фосилавиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1. тарафҳои муомилоти электронӣ; 2. операторони муҳити электронӣ барои татбиқи равандҳои электронии бизнес.

Муаллифи рисола хусусиятҳои хоси раванди ташкили муносибатҳои байни иштирокчиёни ин намуди савдоро мавриди

омӯзиш қарор дода, чунин заминаҳои калидии онро муайян мекунад: 1) тамоси ғайримустақим, гарчанде ки ҳангоми дастраснамоии мол байни фурӯшандаю харидор бо хоҳиши фурӯшанда муоширати шахсӣ баргузор гардиданаш мумкин аст; 2) барои хариди мол тавассути савдои фосилавӣ тасмимгирӣ на аз рӯи шиносой бо моли харидшаванда, балки аз тариқи маълумоти дар шакли матн, график ва ғайра пешниҳодшаванда, қабул карда мешавад.

Ин модел метавонад дар ду шакл кор кунад: фурӯшанда молро аз таҳвилгараш фармоиш медиҳад, танҳо агар ӯ аз харидор фармоиш гирад; фурӯшанда анбори ашёи маъмултаринро нигоҳ медорад.

Яке аз фарқиятҳои асосии байни тиҷорати электронӣ ва тиҷорат ба маънои классикии он бастани шартнома дар интернет аст. Ин шартномаҳо тибқи муқаррароти умумӣ дар бораи тартиби бастани шартномаҳо, ки дар Кодекси мадани Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд, танзим карда мешаванд.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда, рисоланавис ба хулоса омадааст, ки проблемаҳои асосии танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон ин номутавозунӣ дар танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, баъзан қонунӣ набудани таъсироти давлатӣ ба фазои виртуалӣ (Интернетӣ), камбудиҳо дар механизми муайян кардани иштирокчиёни савдои электронӣ, набудани муносибати якхела дар таъйини салоҳият ва қонунҳои татбиқшаванда дар ин бахш мебошанд.

Дар **зербоби дуюми боби дуюм “Шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ”** таваҷҷуҳи асосӣ ба маъмултарин шакли шартномаи савдои фосилавӣ, яъне шартномаи хариду фурӯши чакана равона карда шудааст. Ин намуди шартнома дар навбати худ метавонад ба қисматҳои зерин: а) ба хариду фурӯши мол аз рӯи намуна; б) хариду фурӯш бо истифода аз мошинҳои автоматӣ; в) фурӯш ва дастраснамоии бевоситаи мол ба харидор; г) ба хариду фурӯши мол, ки қабули он аз ҷониби харидор бояд дар вақти муайян амалӣ карда шавад; д) хариду фурӯши мол аз масофа, асос ёбад. Меъёр ва шартҳои шартномаи хариду фурӯши моли чакана дар моддаҳои 560-572 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки шартномаи савдои фосилавӣ аз он сарманшаъ мегирад.

Аҳамияти рушди усулҳои нави фурӯш ва хариди чакана бо афзоиши босуръати таъсири технологияҳои нав ба дурнамои иқтисодии кишварҳои муосир пешакӣ муайян карда мешавад. Ҷаҳон ба давраи "иқтисоди зеҳнӣ" ё "иқтисоди дониш" ворид шудааст, ки дар он манбаъҳои асосии некӯаҳволӣ ва омилҳои пешбари истеҳсолот навоварӣ ва инчунин дастовардҳои эҷодии одамон мебошанд.

